# НАМУНАИ
## саволу масъалаҳои тест
## аз фанни таърих
## барои олимпиадаи фаннии
## хонандагони муассисаҳои
## таҳсилоти миёнаи умумӣ

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

## ТАЪРИХ

**1** **Кадом муҳориба аз рӯйи тартиби хронологӣ ПЕШТАР ба амал омадааст?**

A) назди Марафон
B) назди Гавгамел
C) назди Исса
D) назди Сраник

**2** **Муҳорибаи Ҳаррон дар соли 53 пеш аз милод байни кадом давлатҳо ба амал омада буд?**

A) Кушониён ва Сосониён
B) Ашкониён ва Рим
C) Ҳайтолиён ва Ҳоқонати Турк
D) Сосониён ва Ашкониён

**3** **Расадхонаи Улуғбек дар кадом шаҳр бино ёфта буд?**

A) Бағдод
B) Бухоро
C) Димишқ
D) Самарқанд

**4** **Кадом шӯриш муқобили Умавиён равона шуда буд?**

A) Рофеъ ибни Лайс
B) Деваштич
C) Синдбоди Муғ
D) Муқаннаъ

**5** **Кадом амири Сомониён Бухороро маркази давлат қарор дод?**

A) Нӯҳ ибни Асад
B) Исмоил ибни Аҳмад
C) Абуиброҳим Мунтасир
D) Наср ибни Аҳмад

**6** **Мадрасаи Мири Араб дар давраи ҳукмронии кадом сулола сохта шудааст?**

A) Аштархониён
B) Манғитиён
C) Шайбониён
D) Темуриён

**7** **Баъди Дониёл кӣ ба тахти салтанати Манғитиён нишаст?**

A) Ҳайдар
B) Шоҳмурод
C) Насрулло
D) Музаффар

**8** **Муаллифи асари таърихии “Ҳабиб-ус-сияр”-ро муайян кунед.**

A) Аҳмади Дониш
B) Муҳаммад Ёқуб
C) Хондамир
D) Дилшоди Барно

**9** **Соли 1891 кадом эъзомия ташкил карда шуд?**

A) Искандаркӯл
B) Ҳисор
C) Қаротегин
D) Ионов М.Е.

**10** **Кадом воқеа аз рӯйи тартиби хронологӣ БАЪДТАР рӯй дода буд?**

A) ҷанги якуми Ҷизах
B) таъсиси генерал-губернатории Туркистон
C) муҳорибаи Ҷӯпонато
D) муҳорибаи Майдаюлғун

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**11** **Сухан дар бораи кадом сиёсат меравад: *"... дигаргуниҳои бузург ва пешравиҳои бемислу монанд дар соҳаи маориф, илм, тандурустӣ, муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ, ба вуҷуд овардани кадрҳои миллӣ буд"?***

A) инқилоби илмӣ-техникӣ
B) инқилоби маданӣ
C) маорифпарварӣ
D) саноатикунонӣ

**12** **Сегонаи ҳарбӣ-сиёсӣ дар куҷо фаъолият дошт?**

A) болооби Заравшон
B) Помир
C) Хуҷанд
D) Бухорои Шарқӣ

**13** **Ҷанговари тоҷик Исмат Шарипов барои кадом қаҳрамонӣ ба унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ сарфароз гардида буд?**

A) озод намудани Украина
B) муҳосираи Берлин
C) муҳорибаи Сталинград
D) озод намудани Наздибалтика

**14** **Воқеаи 14 апрели соли 1978-ро муайян кунед.**

A) қабули Конститутсияи нав
B) таҷлили 1100-солагии Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ
C) таъсиси Академияи илмҳо
D) анҷоми сохтмони НБО-и Норак

**15** **Соли 2000 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо кадом ҷоиза қадр карда шуд?**

A) Ҷоизаи Нобелии сулҳ
B) Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдулло Рӯдакӣ
C) Ҷоизаи байналхалқиии сулҳ
D) Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ

**16** **Қонунҳои Хаммурапи дар кадом давлат амал мекарданд?**

A) Сурия
B) Ошур
C) Ҳахоманишиён
D) Бобул

**17** **Асосгузори давлати Франкҳоро муайян кунед?**

A) Хлодвиг
B) Аттил
C) Людовик
D) Карли Кабир

**18** **Веқеаи 4 июли соли 1776-ро муайян кунед?**

A) аз байн рафтани низоми ғуломдорӣ дар Америкаи Шимолӣ
B) қабул шудани Конститутсияи ИМА
C) қабули "Эъломия истиқлолият" аз ҷониби Конгресс
D) ба мақоми Президенти ИМА интихоб гардидани Ҷорҷ Вашингтон

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**19** **Кадом созмон баъди Ҷанги Якуми Ҷаҳон таъсис дода шуд?**

**A)** Иттифоқи Сегона
**B)** Иттифоқи Антанта
**C)** Созмони Милали Муттаҳид
**D)** Лигаи Миллатҳо

**20** **Сулаймон Демирел ходими сиёсии кадом давлат буд?**

**A)** Исроил **B)** Покистон **C)** Эрон **D)** Туркия

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

## КОРИ ХАТТӢ

**1. Сол, шахсият, воҳиди маъмурӣ ва давлатҳоро муайян намоед.**

а) Куруши Кабир соли ______________ Бобулро фатҳ намуд.

б) _____________________________ соли 712 Самарқандро забт намуд.

в) 4-уми сентябри соли 1929 санади ба ҶМШС Тоҷикистон баргардонидани _______________________________ ба имзо расид.

г) Солҳои 1337-1453 байни _________________ ва __________________ Ҷанги садсола ба амал омада буд.

| ! | Холи имконпазири ҳадди аксар – 10, барои ҳар ҷавоби дуруст – 2,5 хол. |
|---|---|

**2. Сулола, шахсият ва давлатро муайян намоед.**

а) Хушёршоҳ намояндаи сулолаи _______________________ буд.

б) _____________________________ охирин намояндаи сулолаи Сомониён буд.

в) Муҳаммадамин ба ҳукмронии сулолаи _______________________ дар хонигарии Хева асос гузошт.

г) Бунёдгузори давлати_____________________________ Қутбиддини Ойбек мебошад.

| ! | Холи имконпазири ҳадди аксар – 10, барои ҳар ҷавоби дуруст – 2,5 хол. |
|---|---|

**3. Сол, макон, шӯриш ва давлатро муайян намоед.**

а) Шӯриши Бардии Дурӯғин соли ______________________ то милод дар давлати Ҳахоманишиён ба амал омада буд.

б) Дар аҳди Сомониён солҳои 913-914 дар __________________ шӯриш ба амал омада буд.

в) Соли 1892 дар шаҳри Тошканд ҳаракати халқӣ сар зад, ки бо номи ____________________________ маълум аст.

г) Солҳои 1419-1434 дар ________________ ҷангҳои Гусиён ба амал омада буд.

| ! | Холи имконпазири ҳадди аксар – 10, барои ҳар ҷавоби дуруст – 2,5 хол. |
|---|---|

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**4. Харитаро таҳлил намуда, ҷумлаҳоро пурра намоед:**




а) Дар арафаи истилогарӣ Мовароуннаҳр ва Хуросон ба ҳайати давлати _______________ дохил мешуданд.

б) Истилои муғулҳо моҳи ___________ соли ____________ оғоз ёфт.

в) Ба мудофиаи шаҳри _______________ ҳокими он Ғоирхон сарварӣ мекард.

г) Идораи Мовароуннаҳр дар ихтиёри писари Чингизхон __________ буд.

| ! | Холи имконпазири ҳадди аксар – 10, барои ҳар ҷавоби дуруст – 2,5 хол. |
|---|---|

**5. Матни зеринро хонда, ҷумлаҳоро пурра намоед:** ***“Ин давлати тоҷикон аз нимаи асри XII то аввали асри XIII вуҷуд дошт. Асосгузори он сулолаи Шансабониён буд. Душмани асосии онҳо давлати Ғазнавиён буд”.***

а) Сухан дар бораи давлати _______________ меравад.

б) Султон Сайфуддини Сурӣ соли _________ Ғазнаро фатҳ менамояд.

в) Соли 1186 султон _______________________________ Лоҳурро ғасб намуда, ба ҳукмронии Ғазнавиён хотима гузошт.

г) Ин давлат аз тарафи (давлати) _______________________________ аз байн бурда шуд.

| ! | Холи имконпазири ҳадди аксар – 10, барои ҳар ҷавоби дуруст – 2,5 хол. |
|---|---|

**6. Истилоҳоти таърихиро нависед.**

а) Дар аҳди Сосониён табақаи рӯҳониёнро ________________меномиданд.

б) Дар шаҳрҳои Мовароуннаҳри тоисломӣ ҷойи истиқомати шоҳ бо номи __________________________ номида мешуд.

в) Дар аморати Бухоро андозе, ки аз боғу токзор, кишти юнучқа, полиз ва обчакорӣ ситонида мешуд, ____________________ ном дошт.

г) Раванди ба ҳам наздикшавӣ, мувофиқсозӣ ва ҳамкориҳои судманди якчанд мамлакатро _______________________ меноманд.

| ! | Холи имконпазири ҳадди аксар – 10, барои ҳар ҷавоби дуруст – 2,5 хол. |
|---|---|

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj